**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии ҶТ дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардид. Далели андешаи мазкур қабули нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва дар он боби алоҳида ҷудо гардидан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҳамзамон, моддаи 41-и санади мазкур ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат додааст. Ғайр аз ин, дар самти ҳуқуқ ба таҳсил як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти калонсолон” ва як қатор санадҳои зерқонунӣ қабул ва баҳри ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсил равона гардидаанд. Аммо, дар баробари ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда дар бахши ҳуқуқ ба таҳсил як қатор нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси такмили қонунгузории кишвар ва беҳтар намудани сатҳи ҳуқуқ ба таҳсил мегардад. Бо ин асос, таҳқиқи масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил дар кишвар бешубҳа мубраммият пайдо намуда, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур саривақтӣ мебошад.

Диссертатсияи Файзализода Б.Ф. аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаҳо, асосҳои методологӣ, навгонӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия ба масъалаҳои **«Ташаккул ва инкишофи таърихии ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистон»** бахшида шуда аз чор зербоби мантиқан бо ҳам алоқаманд иборат мебошанд. Боби мазкур аз он ҷанба диққатҷалбкунанда аст, ки бештар оид ба масоили таърихии рушди ҳуқуқ ба таҳсил бахшида шудааст. Дар он, унвонҷӯ ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун категорияи таърихӣ-ҳуқуқӣ бо дарназардошти марҳилаи зардуштӣ, исломӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил қарор дода, махсусияти ҳар яке аз марҳилаҳои зикршударо дақиқ ошкор намудааст. Масалан, муаллиф чунин андешаи ҷолиброаз «Авасто» баён кардааст: «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки дабистон фурӯғи диниш, чашми равшан ва биност», ё ин ки дар даврони исломӣ он панҷ ояте, ки бори аввал нозил шудааст, Муҳаммадро ба тариқи зерин ба хондан даъват менамояд: «Бихон ба номи Парвардигорат. Он ки инсонро аз хуни баста офарид. Бихон, ки Парвардигори ту беҳтарин соҳиби каромат аст. Он ки дониш бахшид ба василаи қалам. Омӯхт инсонро он чӣ, ки ӯ намедонист» ва ғ.

Боби дуюми рисола ба масоили **«Такмили назарӣ ва амалии фаҳмиш, моҳият ва принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, аз чор зербоб иборат аст. Боби мазкур фарогири масоили мубрами илмӣ аз қабили мафҳум, моҳият ва принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил, нақши ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омилҳои таъсиррасон ба рушди ҳуқуқ ба таҳсил иебошад. Унвонҷӯ дар боби мазкур масоили зикршударо аз ҷанбаи назариявӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, дар натиҷа хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. Тибқи таҳқиқоти масъала, муаллиф таърифи ҳуқуқ ба таҳсилро ба маънои объективӣ пешниҳод намудааст, ки он "маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи маориф танзим намуда, мазмун, сарҳадҳои фазоию замонӣ, ҳадафҳо, тартиби амалисозии ҳуқуқи шахсро ба таҳсилот, инчунин танзими ташкили идоракунии маориф, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, вазъи ҳуқуқии онҳо, тартиби фаъолияти раванди таҳсилро муайян менамояд".

Дар заминаи таҳлили ҷанбаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқ ба таҳсил муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б.Ф. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он чанбаҳои таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ба паҳлуҳои таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсил маҳдуд нашуда, балки амалия, мушкилот ва дурнамои масъалаҳои ҳуқуқ ба таҳсилро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо ҳамчун навгонӣ дар кори худ ба миён гузоштааст. Унвонҷӯ вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқ ба таҳсил, инчунин аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ

навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Ҳамин тавр, навгонии таҳқиқоти диссертант бо ҳалли масъалаҳои зерин муайян мегардад:

1. Ошкор гардидани асосҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаҳои кафолати ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил.

2. Таҳқиқ гардидани заминаҳои ташаккули таърихии ҳуқуқ ба таҳсил ва нақши ҳуқуқи зардуштӣ ва исломӣ дар шакл гирифтани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар робита ба таҳсилот ва маориф.

3. Таҳлили мақоми ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми дигар ҳуқуқҳои инсон, баррасӣ гардидани омилҳое, ки ба самаранокии низоми маориф ва амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил таъсир мерасонанд.

4. Дақиқ сохтани мазмуни субъективӣ ва объективии ҳуқуқ ба таҳсил;

5. Муайян гардидани махсусияти кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар қаринаи тамоюлҳои инкишофи ҷомеаи муосир, ошкор гардидани омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати дастрасии ҳуқуқ ба таҳсил дар таҷрибаи кишварҳои муосир, таҳлили сабабҳои асосии рух додани камбудиҳо дар раванди амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил, ошкор намудани роҳҳо, воситаҳо ва чораҳои самаранок баҳри баланд бардоштани ҷанбаҳои ҳуқуқии хидматрасониҳо дар соҳаи таҳсилот.

**Аз ҷониби унвонҷӯ чунин нуктаҳои илмӣ ва амалӣ ба ҳимоя** пешниҳод карда шудаанд:

1. Пайдоиши асосҳои моҳияти ҳуқуқ ба таҳсил дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар чор давра ба амал омад: 1) давраи фаҳмишу дарки худи мафҳум ва истилоҳи ҳуқуқ; 2) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи табиӣ, ки барои қонеъ гардондани талаботи инфиродии шахс ва манфиатҳои давлат равона шудааст; 3) пазируфтани ғояи илмпарваронаи дини Ислом дар мавриди зарурати илмомӯзӣ ва касби дониш кардан ҳамчун воситаи муҳимми такмил додани ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ; 4) таҳияи идеяи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳуқуқ ба таҳсил дар мафҳуму истилоҳоти муқарраршудаи фаҳмиши ҳуқуқӣ.

2. Ташаккул ва инкишофи ғояҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ марҳалаҳои зеринро тай кардааст: 1) пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар таълимоти илмии исломии асрҳои IX-XIX; 2) Тасдиқи идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияҳои маорифпарваронаи

фаҳмиши ҳуқуқии ибтидои асри XX; 3)ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил дар замони шуравӣ (солҳои 20-уми асри XX – то соли 1991); 4) ташаккул ва рушди равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳуқуқ ба таҳсил (аз соли 1991 то имрӯз).

3. Таҳаввули мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ дар робита бо парадигмаи Аврупои Ғарбии ин ҳуқуқ, ки тавассути низоми шуравӣ ворид шудааст, дорои хусусиятҳои муайян аст: пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил тавассути шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар давраи баъдӣ ба амал омад; асосҳои динии ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияи олимони ҶТ то ҳанӯз устувор боқӣ мондаанд; мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар натиҷаи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо асосҳои демократӣ-миллӣ ғанӣ гардид. Дар замони шуравӣ ҳуқуқ ба таҳсил дар заминаи интиқод аз таълимоти илми ғарбӣ ва демократӣ-миллатгароӣ аз ҷониби давлат рӯйи кор омада буд. Аз соли 1991 инҷониб эҳёи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологӣ барои фаҳмидани ҳуқуқ ба таҳсил ба амал омад.

Дар баробари таклифҳои назариявӣ дар рисола, як қатор **таклифҳои амалӣ пешниҳод шудааст, ки амалисозии онҳоро** унвонҷӯ зарур мешуморад:

1. Бинобар сабаби васеъ ва мураккаб гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва инкишофи қонунгузории соҳаи таҳсилот бояд ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро муттаҳид ва бо назардошти талаботи қонунгузорӣ як механизми ягонаи амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил дар шакли пурра ва оммафаҳм бо номи Кодекси таҳсилоти ҶТ қабул карда шавад.

2. Унвонҷӯ такя ба муқаррароти банди 3-юми қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ аз 25 майи соли 2018 № 12/28 Дар бораи тасдиқ намудани «Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҶТ» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» намуда, қайд мекунад, ки бо назардошти ин ки маҳдудияти синнусолӣ дар робита ба таҳсил дар зинаи магистратура асоси ҳуқуқӣ, педагогӣ ва илмӣ надорад, пешниҳод мегардад, ки ин маҳдудият аз қонунгузории ҶТ бардошта шавад.

3. Дигар пешниҳоди амалии унвонҷӯ ин зиёд намудани шумораи ҷойҳои буҷавӣ дар ихтисосҳое, ки кадрҳои рақобатпазир ва ба талаботи бозори корӣ дар замони муосир ҷавобгӯ омода мекунанд, мебошад. Ба назари муаллиф ҳарчанд қонунгузории соҳаи таҳсилот дар ҶТ таҳсилоти ройгонро кафолат дода бошад ҳам, дар раванди гирифтани таҳсилоти олӣ ба назар мерасад, ки ҷой барои донишҷуи ба тариқи ройгон хеле кам ҷудо мегардад. Ин ҳолат сабаб мешавад, ки қишри аз назари иқтисодӣ осебпазир наметавонанд ба таҳсилоти босифат ва рақобатпазир дастрасӣ пайдо кунанд. Тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф қобили қабул буда, амали намудани онҳо сабаби беҳтар амалли гардидани ҳуқук ба таҳсил аз ҷониби шаҳрвандон мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқ ба таҳсил, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳуқуқ ба таҳсил, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории соҳаи таҳсилот асос мeёбад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б.Ф. аҳаммияти илмӣ-назарї ва амалӣ дорад, зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳуқуқ ба таҳсил истифода шаванд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумот ва маводи нави илмиро пешниҳод менамояд.

Хулосаву пешниҳодҳои дар таҳқиқот ҷойдошта баҳри татбиқи ҳуқуқи мазкур аҳаммияти хоса дошта барои дар таҷриба беҳтар намудани вазъи истифодабарии ҳуқук ба таҳсил хизмат мекунанд. Ҳамзамон, муқарраротти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани васоити илмӣ-ҳуқуқӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин дар ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи

давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ, курсҳои махсус истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Файзализода Б.Ф. яке аз таҳқиқотҳои муваффақ дар масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил ба шумор рафта, махсусан асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди ҳуқуқ ба таҳсил –яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ба таври муфассал таҳлилу таҳқиқ намуда, хусусиёти онро кашф намудааст. Дар баробари ин, дар рисолаи эҷодии унвонҷӯ баъзе масоили баҳсталаб ҷой дода шудаанд, аз ҷумла:

1. Унвонҷӯ асосан ба комёбиҳо ва дастовардҳои таърихии халқи тоҷик такя намуда, оид ба нуқсон ва заъфҳои дар амали намудани ин ҳуқуқ ҷойдошта дар марҳилаҳои таърихии рушд камтар таваҷҷӯҳ кардааст.

2. Дар самти рушди маориф ва таҳсилоти олӣ махсусан бо қабули қонун дар бораи хизмати ҳарбӣ як қатор тайироти ҷиддӣ мушоҳида мегардад. Азбаски рисола то муайян шудани баъзе натиҷаҳои манфии ин раванд таҳия шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф, вобаста ба вазъи имрӯзаи таҳсилоти олӣ ва мушкилоти соли охир, ки сабаби якбора кам шудани шумораи довталабони таҳсилоти олӣ шудаанд, андешаҳои худро баён медоштанд.

Масоили номбаршудаи баҳсталаб арзиши илмии рисоларо коҳиш надода, шаҳодати гуногунпаҳлӯ, мураккаб, баҳснок ва ҳамеша дар ҳолати рушд будани онҳо мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани маводи истифодашуда ва навгониҳои илмии пешниҳодшуда шаҳодат медиҳад. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва баҳодиҳии андешаи муҳаққиқон нуктаи назари худро пешниҳод намудааст, ки онҳоро дар ҳалли баъзе мушкилоти соҳаи ҳуқуқ ба таҳсил метавон мавриди истифода қарор дод.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Файзализода Б.Ф. ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Хулоса, рисолаи илмии Файзализода Бахтиёр Файзалӣ ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Буризода Э.Б.

Имзои Э.Б. Буризодаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шозедов Х.Н.

«4» 05 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,
Телефон: +992 (372) 221-65-85; +992 907-82-90-91. Email: buriev-68@mail.ru